*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 54 (4637) | ДУШАНБЕ, 17 АПРЕЛИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## ТАЪИНОТИ КАДРӢ

**17-уми апрели соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» кадрҳоеро, ки ба вазифаҳои пурмасъул дар сохторҳои Вазорати корҳои дохилӣ ва Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» таъин гардиданд, барои суҳбат ба ҳузур пазируфтанд.**

Бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаҳои муовини якум ва муовини директори генералии Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» кадрҳои ҷавону корозмуда таъин шуданд.

Дар мувофиқа бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сардорони шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳрҳои Ҳисору Турсунзода, ноҳияи Лахш, сардорони шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳрҳои Левакант, Хуросон, Восеъ, Данғара, Шамсиддини Шоҳин, Панҷ, Муъминобод, Фархор ва Ховалинги вилояти Хатлон, шаҳрҳои Гулистону Истаравшан, ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Ҷаббор Расулов ва Кӯҳистони Мастчоҳи вилояти Суғд кадрҳои соҳибтаҷрибаву тахассусманд таъин гардиданд.

Зимни мулоқот Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз авзои минтақа ва ҷаҳон, таъмини волоияти қонун, мубориза бар зидди ҳама гуна қонуншиканӣ, пешгирии қочоқи маводи мухаддир, силоҳ ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ ёдовар шуда, таъкид намуданд, ки кадрҳои ҷавон вобаста ба таҳдиду хатар ва ҷиноятҳои замони муосир бояд пайваста омӯзанд ва бо истифода аз технологияи муосир сатҳи донишҳои тахассусиашонро боз ҳам баланд бардоранд.

«Поквиҷдонона, содиқона ва бо масъулияти баланд манфиатҳои миллату давлатро аз ҳама манфиатҳои дигар боло гузошта, бо дасту дили пок ба нафъи давлату миллат хизмат намоед», - таъкид карданд Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар анҷоми мулоқот.

**www.president.tj**

## ҚАРОРИ
### ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 17 апрели соли 2023, №147, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми директори генералии Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» озод намудани Ғаффорзода Ҷ. М.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ғаффорзода Ҷурахон Маҳмад бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми директори генералии Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ
### ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 17 апрели соли 2023, №148, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи муовини директори генералии Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» озод намудани Ҷабборзода Х. Б.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ҷабборзода Хуршед Бурӣ бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини директори генералии Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ
### ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 17 апрели соли 2023, №149, ш. Душанбе**
**Дар бораи муовини якуми директори генералии Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» таъин намудани Достизода А. А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Достизода Абдулазиз Абдурашид муовини якуми директори генералии Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ
### ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 17 апрели соли 2023, №150, ш. Душанбе**
**Дар бораи муовини директори генералии Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» таъин намудани Расулзода Р. А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Расулзода Раҷабалӣ Абдусаид муовини директори генералии Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ИШТИРОКИ ҲАЙАТИ ПАРЛУМОНИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҶАЛАСАИ 55-УМИ ПЛЕНАРИИ АБ ИДМ





**Чордаҳуми апрели соли равон таҳти раёсати Раиси Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Раиси Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Валентина Матвиенко ҷаласаи 55-уми пленарии АБ ИДМ баргузор гардид.**

Дар он 21 масъала, аз ҷумла қонунҳои намунавӣ «Дар бораи бехатарии экологӣ», «Дар бораи истеҳсолот ва истеъмол», «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда», «Дар бораи дастрасӣ ба иттилооти экологӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Ҳайати расмии парламентии Тоҷикистон таҳти сарварии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ва муовини якуми Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷаббой Аҳмадзода дар он иштирок намуданд.

Маҳмадтоир Зокирзода аҳамияти қонунҳои намунавӣ «Дар бораи бехатарии экологӣ», «Дар бораи муомилоти молиявӣ», «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ва «Дар бораи мубориза бар зидди киберҷинояткорӣ»-ро махсус таъкид карда, иброз дошт, ки онҳо ба таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳо ва заминаи амалиёти муштараки кишварҳо дар соҳаҳои мавриди назар мусоидат хоҳанд кард.

- Бо назардошти аҳамияти масъалаҳои экологӣ, сиёсати кунунии Тоҷикистон дар ин самт ба тағйирёбии иқлим, аз ҷумла таъмини устувории экологӣ ва мутобиқсозии иқтисодиёти миллӣ ба оқибатҳои он, нигаронида шудааст, - афзуд Маҳмадтоир Зокирзода ва ёдовар шуд: - Тоҷикистон беш аз бист сол боз масъалаҳои марбут ба ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла масъалаҳои об ва тағйирёбии иқлимро, дар рӯзномаи рушди ҷаҳонӣ пешбарӣ мекунад. Дар ин муддат бо ибтикори Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои об 9 қатънома қабул кард ва татбиқи онҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои мувофиқашудаи глобалӣ дар соҳаи об заминаи муносиб фароҳам овард.

Дар ҷаласа, ҳамчунин, раиси Комиссияи доимии АБ ИДМ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Равшан Раҷабзода дар бораи қонунҳои намунавии «Дар бораи муомилоти молиявӣ», «Дар бораи усулҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо», «Дар бораи фондҳо», таҳрири нави қонуни намунавии «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ва «Дар бораи уҳдадориҳои вобаста ба расонидани зарар» маъруза намуд.

Дар ҷаласаи зикршуда раисони кумитаҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фарҳод Раҳимӣ ва Маҳмадшоҳ Гулзода, раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон Саидмурод Фаттоҳзода, Рустам Шоҳмурод, Равшан Раҷабзода ва намояндаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қароргоҳи АБ ИДМ Бахтовар Сафарзода низ иштирок намуданд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**17-уми апрели соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**



Дар он масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» мавриди баррасӣ қарор гирифта, баъд аз шарҳу тавзеҳи онҳо аз ҷониби раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Хайрулло Амонулло, оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Рустам Латифзода ва оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Насиба Содиқӣ ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод шуданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

### Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТ - ТАҲРИКБАХШИ ТАРБИЯ ДАР РӮҲИЯИ ВАТАНДӮСТӢ



**Мақсудалӣ УМАРАЛИЗОДА,**
**узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Дар ҷаҳони муосир, бинобар авҷ гирифтани рақобатҳои геополитикӣ, равандҳое ба вуҷуд омадаанд, ки бо роҳандозии он зиндагии орому осудаи аҳолии сайёра ба чолиш кашида мешавад.**

Шоҳидем, ки дар 20 соли охир бартариҷӯӣ ва манфиатхоҳии кишварҳои абарқудрат якчанд кишвари африкоиву осиёиро ба чӣ ҳол овард. Пас аз инқилобҳои пай дар пай дар кишварҳои араб, аланга задани оташи ҷангҳои гуногун ва ноором шудани вазъи Ироқу Сурия ва дигар кишварҳо замина фароҳам шуд, ки гурӯҳҳои гуногуни террористӣ ба вуҷуд омада, ба сулҳу оромӣ хатар эҷод кунанд. Аз ҷумла, гурӯҳи террористии давлати исломӣ, ки дар Ироқу Сурия ба вуҷуд омадаву як муддат қисмате аз ин ду кишвари мустақилро зери назар дошт, гувоҳ аст. Мутаассифона, дар низоъҳо аз кишвари мо низ ҷавонони гумроҳшуда иштирок карда, бар зидди ҳукумати қонунии давлатҳои зикршуда ҷангиданд. Чунин ҷавонон шояд дар оилаҳои носолим ба воя расида, тарбияи дуруст нагирифта бошанд. Ғайр аз ин, асри XXI - ро рушди босуръати илму техникаву асри иттилоот мегӯянд. Инқилоби техникии асри мо аз як ҷиҳат, агар мушкилоти зиёди мардумро бартараф карда бошад, аз ҷониби дигар, ҷомеаи ҷаҳониро ба хатарҳои зиёд рӯ ба рӯ намуд. Аз ин ҷост, ки дар илми ҳуқуқ мафҳумҳои нав, аз қабили киберҷиноят, ҷиноятҳои бо истифода аз интернет содиршуда ва ғайра пайдо шуд. Имконоти васеи технологиву иттилоотӣ аксар вақт аз ҷониби гурӯҳҳои ҷиноятӣ суиистифода шуда, ҷавонони зиёд бо истифода аз он ба доми фиреб меафтанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ин масъала дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр карданд: «Имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву эктремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгароӣ гумроҳ месозанд».

Бо зикри ин нукта Пешвои миллат ба мақомоти дахлдор дастур доданд, ки ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар самти ошкор ва пешгирӣ намудани хавфу хатарҳои террористиву экстремистӣ вусъат бахшида, бо тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ пеши роҳи гароидани ҷавононро ба равияҳои ифротгаро гирифта, онҳоро дар рӯҳияи садоқат ба халқу Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ тарбия намоянд.

Роҳбари давлат таъкид карданд: «...барои пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистиву террористидошта ва ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содир карда мешаванд, зарур аст, ки Маркази ягонаи иттилоотӣ таъсис дода шавад».

Ҳамчунин, Роҳбари давлат бори дигар аз неруи созандаи Ватан будани ҷавонони Тоҷикистон ёдовар шуда, чунин гуфтанд: «Мо бо ҷавонони кишвари худ ифтихор дорем, зеро онҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд.

Маҳз ҷавононанд, ки дар оммавигардонии варзиш нақши асосӣ дошта, ба шарафи пирӯзиҳои онҳо Парчами давлатии Тоҷикистони маҳбуби мо дар гӯшаҳои гуногуни дунё парафшонӣ мекунад».

Президенти мамлакат дастгириву ғамхорӣ, ҳаллу фасли мушкилоти ҳаёти ҷавононро таъкид намуда, зикр карданд, ки «истифодаи дурусту оқилона аз ин захираи стратегии миллӣ ба хотири ободиву пешрафти Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарине мебошанд, ки таҳти таваҷҷуҳи хосаи Ҳукумати мамлакат қарор доранд, зеро Тоҷикистон худ кишвари ҷавонон аст».

Бояд зикр кард, ки бо дастуру супориш ва роҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли гузашта Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» - ро таҳия намуданд, ки пас аз қабул аз ҷониби Маҷлиси намояндагон, ҷонибдорӣ аз тарафи Маҷлиси миллӣ ва имзо намудани Президенти кишвар мавриди амал қарор гирифт.

Қонун аз 5 боб ва 21 модда иборат буда, дар муқаддима чунин муқаррар шудааст: «Қонуни мазкур ҳадаф, принсипҳо ва самтҳои тарбияи ватандӯстӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии онро муқаррар карда, муносибатҳои вобаста ба ташкили заминаҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, таъмин ва танзими фаъолиятро дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон муайян менамояд».

Бояд гуфт, ки қонуни мазкур таҷрибаи нав буда, қабули онро коршиносон ва ҷомеаи Тоҷикистон хуб пазируфтанд. Он яке аз муҳимтарин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аст, ки тартиби тарбияи ватандӯстии шаҳрвандонро танзим мекунад. Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қабули «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022 - 2026» ва «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023 - 2027» ёдовар шуда, Кумитаи ҷавонон ва варзишро якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо барои қабули барномаҳои маҳаллии кор бо ҷавонон муваззаф намуданд.

Нуқтаи дигаре, ки дар Паём зикр шуд, хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар буд. Роҳбари давлат хизмати онро барои ҷавонон «мактаби ҷавонмардӣ» арзёбӣ карда, дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарварӣ, худшиносиву худогоҳӣ тарбия намудани хизматчиёни ҳарбӣ ва барои онҳо муҳайё намудани шароити хуби хизмат, инчунин риояи талаботи оинномаҳои ҳарбиро муҳимтарин самти сиёсати мудофиавии кишвар гуфтанд.

Ҳар яки моро мебояд барои дар рӯҳияи худшиносиву худогоҳӣ тарбия намудани ҷавонони кишвар саҳм гузошта, бо ин роҳ дар рушди бомароми Ватани маҳбубамон - Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳм гузорем. Ба гуфти Роҳбари давлат: «Ҳар яки мо бояд минбаъд низ мафҳумҳои «ватандӯстӣ» ва «рушд»-ро шиори кору фаъолияти ҳаррӯзаи худ қарор диҳем».

# 2022 - СОЛИ ЭЪТИРОФИ ТАШАББУСҲОИ ҶАҲОНИИ ТОҶИКИСТОН

**(Идома аз шумораҳои гузашта)**

Бояд гуфт, ки аз рӯи натиҷаи сафарҳои расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Арабии Миср ва Ҷумҳурии Исломии Покистон 19 санади нави танзимкунандаи ҳамкории давлатҳо ба имзо расид. Ҳамчунин, соли 2022 сарони якчанд давлатҳо бо сафарҳои ҷавобии расмӣ ва корӣ ба Тоҷикистон ташриф оварданд. Аз ҷумла, Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко бо сафари расмӣ (11-уми октябри соли 2022) ва Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин бо сафари корӣ (28-уми июни соли 2022) ба Тоҷикистон омаданд.

Аз рӯи натиҷаи мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Беларус дар доираи сафари расмии Президенти Беларус дар Тоҷикистон 10 санади муҳими ҳамкорӣ ба имзо расид, ки муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистонро бо кишвари дӯсти Беларус дар соҳаҳои гуногун танзим менамоянд.

Тоҷикистон ҳамкориро бо шарикони байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони ҳамкории исломӣ ва дигар сохторҳои бисёрҷониба ҳамчун узви фаъол идома медиҳад.

Соли 2022 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 12 маротиба дар вохӯрии сатҳи баланди сарони давлатҳои аъзои созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ва дар ҷаласаву саммитҳо, аз ҷумла Саммити якуми сарони давлатҳои «Осиёи Марказӣ - Ҳиндустон» (27-уми январи соли 2022, шаҳри Душанбе), Маросими ифтитоҳи бозиҳои XXIV зимистонаи олимпӣ (4-уми феврали соли 2022, Хитой), Маросими ифтитоҳи Саммити чоруми оби давлатҳои минтақаи Осиё ва уқёнуси Ором (23-юми апрели соли 2022, шаҳри Душанбе), Мулоқоти сарони давлатҳои аъзои Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (16-уми майи соли 2022, Россия), Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай (16-уми сентябри соли 2022, Ӯзбекистон), Ҳамоиши шашуми Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (13-уми октябри соли 2022, Қазоқистон), Ҳамоиши нахустини «Осиёи Марказӣ + Россия» (14-уми октябри соли 2022, Қазоқистон), Мулоқоти якуми сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо (27-уми октябри соли 2022, Қазоқистон) ва дар иҷлоси бисту ҳафтуми Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (7-уми ноябри соли 2022, Миср) ба таври маҷозӣ ва бевосита иштирок намуданд.

Зимни суханронӣ дар ин ҳамоишҳои сатҳи баланд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба мавқеи устувори Тоҷикистон дар самти пурзӯр кардани мубориза бар зидди зуҳуроти номатлуб, таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир ва ҳалли мушкилоти глобалии сайёра андешаронӣ карданд.

Давоми соли 2022 Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи чорабиниҳо ва дар доираи сафарҳои расмӣ ва корӣ 69 маротиба бо роҳбарони давлатҳо ва намояндагони воломақоми давлатҳои хориҷӣ вохӯрию суҳбатҳои самимӣ анҷом доданд.

Аз ҷумла, дар пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанбе бо ҳайати вакилони Парламенти Аврупо (22-юми феврали соли 2022), Раиси Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Валентина Матвиенко (25-уми феврали соли 2022), Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба паноҳандагон Филиппо Грандӣ (17-уми марти соли 2022), Намояндаи махсуси Иттиҳоди Аврупо оид ба Афғонистон Томас Никлассон (8-уми апрели соли 2022), Раиси сенати Ҷумҳурии Қазоқистон Маулен Ашимбаев (13-уми майи соли 2022), Раиси Ситоди кулли Неруҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Исломии Эрон Муҳаммад Боқирӣ (17-уми майи соли 2022), Дабири кулли Созмони ҳамкории Шанхай Чжан Мин (23-юми майи соли 2022), ноиби президенти Бонки осиёии рушд Шиксин Чен, ноиби президенти Бонки аврупоии таҷдид ва рушд Марк Боуман, муовини Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ Лю Чжэнмин (6-уми июни соли 2022), Дабири кулли Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо Ҳелга Шмид, муовини Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид хонум Амина Муҳаммад (7-уми июни соли 2022), фармондеҳи Фармондеҳии Марказии Қувваҳои Мусаллаҳи ИМА генерал Майкл Эрик Курилла (15-уми июни соли 2022), Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин (28-уми июни соли 2022), вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Халқии Хитой Ван И (1-уми августи соли 2022), Раиси иҷлоси 76-уми Маҷмаи умумии СММ Абдулло Шоҳид (26-уми августи соли 2022), Раиси Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Озарбойҷон Соҳиба Ғафорова (12-уми сентябри соли 2022), вазири корҳои хориҷии Подшоҳии Арабистони Саудӣ шоҳзода Файсал ибни Фарҳон Оли Сауд (3-юми октябри соли 2022), директори идорӣ оид ба фаъолияти амалиётии Бонки ҷаҳонӣ Аксел ван Тротсенбург ва ноиби президенти ҳамин бонк Анна Бйерде (6-уми октябри соли 2022), Дабири кулли Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ Станислав Зас, фиристодаи вижаи Давлати Қатар оид ба масъалаҳои мубориза бо терроризм ва миёнҷигарӣ дар ҳалли низоъҳои Вазорати корҳои хориҷии Давлати Қатар Моҷид Ал-Қаҳтонӣ, муовини Дабири кулли СММ, Роҳбари Дафтари зиддитеррористии СММ Владимир Воронков (18-уми октябри соли 2022), Мудири Дафтари минтақавии Созмони ҷаҳонии тандурустӣ (WHO) барои Аврупо Ҳанс Ҳенрӣ Клюге (31-уми октябри соли 2022), директори Хадамоти разведкаи берунии Федератсияи Россия (22-юми ноябри соли 2022) ва вазири сармоягузории Подшоҳии Арабистони Саудӣ Холид Ал-Фолеҳ (24-уми декабри соли 2022) мулоқот карданд.

Соли 2022 Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хориҷи мамлакат бо сарони давлатҳо, роҳбарони созмонҳои бонуфуз ва коршиносони байналмилалӣ, аз ҷумла дар Хитой бо Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой Си Ҷинпин (5-уми феврали соли 2022), дар Ҷумҳурии Арабии Миср бо Президенти ин давлат Абдулфаттоҳ ас-Сисӣ, Сарвазири Ҷумҳурии Арабии Миср Мустафо Мадбулӣ, Раиси Сенати Ҷумҳурии Арабии Миср Абдулваҳҳоб Абдуррозиқ (10-уми марти соли 2022), дар Федератсияи Россия бо Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин (16-уми майи соли 2022), дар Ҷумҳурии Исломии Эрон бо Президенти ин кишвар Саид Иброҳим Раисӣ, бо муовини якуми Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Муҳаммад Мухбир, Раиси Маҷлиси Шӯрои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон Муҳаммад Боқири Қолибоф ва Раҳбари Инқилоби Ҷумҳурии Исломии Эрон Оятуллоҳ Сайид Алӣ Хоманаӣ (30-юми майи соли 2022), дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо Шавкат Мирзиёев (2-юми июни соли 2022), бо Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой Си Ҷинпин, Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон Саид Иброҳим Раисӣ, Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Шаҳбоз Шариф, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев (16-уми сентябри соли 2022), дар Ҷумҳурии Қазоқистон бо Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Шаҳбоз Шариф, вазири энергетика ва зерсохтори Амороти Муттаҳидаи Арабӣ Суҳайл Мазрӯӣ, дар мулоқоти сеҷонибаи сарони давлатҳои Тоҷикистон, Россия ва Қирғизистон бо Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров (13-уми октябри соли 2022), бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев (14-уми октябри соли 2022), Президенти Иттиҳоди Аврупо Шарл Мишел (27-уми октябри соли 2022), дар Ҷумҳурии Арабии Миср бо президенти Гурӯҳи Бонки исломии рушд Муҳаммад Сулаймон Ал-Ҷоссер, роҳбари Ширкати мисрии ЭЛСЕВЕДӢ ЭЛЕКТРИК «ELSEWEDY ELECTRIC» Аҳмад Ал-Сувейдӣ, директори идории Хазинаи байналмилалии асъор Кристалина Георгиева (6-уми ноябри соли 2022), президенти Хазинаи байналмилалии рушди кишоварзӣ Алваро Ларио, директори иҷроияи Фонди иқлими сабз Яник Глемарек, Сарвазири Ҷумҳурии Арабии Миср Мустафо Мадбулӣ, Сарвазири Подшоҳии Нидерланд Марк Рутте, Президенти Ҷумҳурии Кения Уилям Рутто, президенти Бонки аврупоии таҷдид ва рушд хонум Одил Рено-Бассо, Канслери федералии Олмон Олаф Шолтс (7-уми ноябри соли 2022), Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антонио Гутерриш, президенти Бонки ҷаҳонӣ Дэвид Малпас, Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Шаҳбоз Шариф (8-уми ноябри соли 2022) дар Ҷумҳурии Исломии Покистон бо вазири мудофиаи Ҷумҳурии Исломии Покистон Хоҷа Муҳаммад Осиф ва Раиси Сенати Ҷумҳурии Исломии Покистон Содиқ Санҷаронӣ (15-уми декабри соли 2022) ва дигарон мулоқоту суҳбатҳои созандаю судманд анҷом доданд.




Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2022 ба хотири рушду густариши муносибатҳои ҳамкорӣ ва баррасии масъалаҳои мубрами ҷаҳонӣ 33 маротиба бо ҳамтоёни худ - сарони як қатор давлатҳои хориҷӣ аз ҷумла бо Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин (4-уми январи соли 2022), Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Саидиброҳим Раисӣ (1-уми майи соли 2022), Президенти Ҷумҳурии Туркия Реҷеп Тайип Эрдоган (3-юми майи соли 2022), Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерриш (26-уми августи соли 2022), Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко (5-уми октябри соли 2022), Президенти Ҷумҳурии Франсия Эммануэл Макрон (26-уми ноябри соли 2022) ва роҳбарони ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, суҳбатҳои телефонӣ анҷом доданд.

Соли 2022 Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» чор маротиба аз 34 сафири нави кишварҳои хориҷӣ эътимодномаҳо қабул карданд.

2-юми март зимни маросими эътимодномасупорӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сафирони фавқулода ва мухтори Япония, Ҷумҳурии Корея, Ҷумҳурии Арабии Миср, Амороти Муттаҳидаи Араб, Салтанати Умон, Давлати Исроил, Подшоҳии Белгия, Ҷумҳурии Австрия, Подшоҳии Норвегия, Румыния, Ордени Мухтори Малта, Канада, 15-уми июн сафирони фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Қазоқистон, Қирғизистон, Маҷористон, Испания, Индонезия, Таиланд, Марокаш, Бразилия, Доминикан ва 21-уми ноябр сафирони фавқулода ва мухтори Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Куба, Штатҳои Муттаҳидаи Мексика, Ҷумҳурии Аргентина, Ҷумҳурии Чад, Ҷумҳурии Гана, Украина, Иттиҳоди Аврупо, Ҷумҳурии Латвия, Шветсия, Ҷумҳурии Финляндия ва Юнон эътимодномаҳоро бо паёму дуруд аз роҳбарияти кишварҳои хеш тақдим карданд.

Соли 2022 дар Ҷумҳурии Қазоқистон Ҳамоиши шашуми Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (13-уми октябри соли 2022) ва дар Ҷумҳурии Арабии Миср иҷлоси бисту ҳафтуми Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (7-уми ноябри соли 2022) баргузор гардид, ки дар кори онҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ карданд.

Зимни суханронӣ дар Ҳамоиши шашуми Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба таҳаввулоти амиқ дар арсаи ҷаҳон, оқибатҳои бемориҳои сироятии COVID-19, таъсири он ба иқтисод ва амнияти кишварҳо, буҳрони иқтисодию иҷтимоӣ ва вазъи амнияти байналмилалию минтақавӣ, афзоиши терроризм, ифротгароӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, қочоқи маводи мухаддир ва ҷиноятҳои киберӣ андешаронӣ карда, талошҳои муштарак дар мубориза бо ин чолишҳо ва таҳдидҳо, инчунин ҳамоҳангсозии корҳоро ҷиҳати таҳкими сулҳу субот ва амният зарур шумурданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар заминаи вазифаҳои умумии Декларатсияи дар ҳамоиши Душанбе қабулшуда андешаҳоашонро доир ба рушди сайёҳӣ, ҳалли масъалаҳои муҳими амнияту ҳамкорӣ дар Осиё, аз ҷумла вазъи Афғонистон, баён намуда, таваҷҷуҳи роҳбарони давлатҳои аъзои машваратро ба ҳалли саривақтии мушкилоти мавҷуда ва ҳамоҳангсозии минбаъдаи кӯшишҳо ҷалб сохтанд.

Дар иҷлоси бисту ҳафтуми Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки хушксоливу обхезиҳои бесобиқаи соли равон дар ҷаҳон ва аз ҷумла дар минтақаи Осиёи Марказӣ, бори дигар собит намуданд, ки тағйирёбии иқлим аз умдатарин мушкилоти ҷаҳон боқӣ мемонад.

Захираҳои об дар раванди мутобиқшавӣ ва устуворнокӣ ба тағйирёбии иқлим, ҳамчунин коҳиш додани оқибатҳои он нақши калидӣ доранд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори итминон карданд, ки кишварҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид ва ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор тавассути иштироки фаъол, гирифтани уҳдадорӣ ва суръатбахшии амалҳо дар татбиқи ин масъулияти бузург давлати моро дастгирӣ хоҳанд кард.

Ҳамчунин, зимни суханронӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тадбирҳои Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла қабули «Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими барои то давраи соли 2030», якчанд санадҳои дигар ва пешниҳоди Тоҷикистон оид ба эълони соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» ёдовар шуданд.

6-уми март дар шаҳри Душанбе таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи XXII Шӯро баргузор гардид.

Дар ҷаласа масъалаҳои вобаста ба рафти иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ, натиҷаҳои таҳлил ва тавсияҳо оид ба рушди тиҷорати электронӣ, истифодаи воситаҳои муосири рушди соҳибкорӣ миёни занон ва ҷавонон, лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаиояндаи Шӯрои машваратӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Бо ибтикори Пешвои миллат дар сатҳи баланди тадорукотӣ баргузор шудани чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ барои Тоҷикистон таърихӣ ва барои шаҳрвандони мамлакат мояи ифтихору сарбаландист.

Дар охир месазад бори дигар рӯйдодҳои муҳими давлати соҳибистиқлолро дар соли 2022 ёдовар шавем. Инҳо иштироки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҷлили сазовори Ҷашни 31-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабули қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид аз рӯи ташаббуси панҷуми Тоҷикистон дар соҳаи об оид ба эълон кардани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» ва аз оғози соли 2025 минбаъд ҳар сол таҷлил кардани рӯзи 21 март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо», таҷлили 30-юмин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Муассисаи давлатии «Қасри Арбоб» (16-уми ноябри соли 2022), баргузории Конфронси байналмилалии «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳарруки террористон» дар шаҳри Душанбе, таҷлили санаҳои таърихии 25-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ, 29-солагии таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25-умин солгарди таъсиси Бригадаи ҳамлаовари десантии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», сафарҳои бобарори расмӣ ба Ӯзбекистон, Миср ва Покистон ва ғайра мебошанд.

Соли 2022 таҳти сарварӣ ва ҳидоятҳои раҳнамунсози Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи татбиқи ҳадафҳои стратегии баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, расидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, саноатикунонии босуръати мамлакат, «Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030», барномаҳои давлатӣ, лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва дигар нақшаҳои созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ пешравиҳои муҳиму назаррас ба амал омаданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба масъалаи ободонии пойтахти мамлакат таваҷҷуҳи хос зоҳир мекунанд. Натиҷаи ҳамин аст, ки ба хотири истиқболи сазовори Ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббус ва дастгирии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо ҷонибдории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе аз сиёсати созандаи Ҳукумати мамлакат дар пойтахт якчанд иншооти таъиноти гуногун ба истифода дода шуда, бунёди даҳҳо адади дигар идома доранд.

Соли 2022 Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мардуми сарбаланди Тоҷикистонро ба ифтихори Ҷашни 31-солагии Истиқлолияти давлатӣ, Рӯзи Парчами давлатӣ, Рӯзи Ваҳдати миллӣ, Ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ, идҳои Сада, Меҳргон, Рамазону Қурбон таҳният гуфта, онҳоро барои амалисозии нақшаҳои созанда ба муносибати Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ ҳидоят карданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори умед карданд, ки мардуми шарифу сарбаланд, ватандӯсту ватанпарвар ва қавииродаву заҳматдӯсти Тоҷикистон аз уҳдаи иҷрои ҳама гуна амалҳои нек ва бартараф намудани ҳама мушкилот мебароянд.

Дар охир бо итминон метавон гуфт, ки халқи қаҳрамону шукргузори тоҷик бо саъю талоши содиқонаву софдилона, ҳисси баланди масъулият дар назди Ватан ва иқдому ташаббусҳои созанда дар соли 2023 барои сарсабзу хуррам гардондани сарзамини аҷдодӣ беш аз ҳарвақта ҷаҳду талоши созанда менамоянд.

**Абдуфаттоҳ ШАРИФЗОДА,**
**Самариддин АЙНИДДИН.**

Оини ҷавонмардӣ

# ВАТАН МОДАРИ МОСТ, ОНРО БОЯД СИДҚАН ДӮСТ ДОШТ

**Ҳар вақте ба тараққиёти соҳаҳои гуногуни мамлакат таваҷҷуҳ зоҳир менамоему бунёди корхонаҳои саноатӣ, иншооти гуногун, нақбу роҳу пулҳои дар даврони соҳибистиқлолӣ бунёдшударо пеши рӯ меорем, ҳиссаи назарраси ҷавонон дар раванди ободкориҳо аён мегардад. Давлат ҷавононро неруи созандаи Тоҷикистон медонад. Масалан, сохтмони азими Ҷумҳурии Тоҷикистон Нerугоҳи барқи обии «Роғун», ки қисми асосии кормандонро ҷавонон ташкил медиҳанд.**

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҷавонони мамлакат ифтихор дошта, дар Паёми ҳарсола ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши арзишманду назарраси онҳоро дар тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа ба таври хоса қайд менамоянд.

Рушди давлат, ободии рӯзафзуни Ватани азизамон ба фаъолияти пурсамари ҷавонон, қуввату ғайрат ва неруи ақлонии онҳо вобаста аст. Имрӯз ҳимоятгарони Тоҷикистони маҳбуб-муҳофизони марзу буми сарзамини аҷдодии мо ҷавонон ҳастанд, ки Ватан - Модарро дӯст медоранд, ба ҳар ваҷаб хоки он, ба обу ҳавои он сидқан эҳтиром доранд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мудом таъкид менамоянд, ки ин сарзаминро онҳое ҳифз карда метавонанду барои ободию тараққиёт, барои мустаҳкам шудани пояҳои истиқлолияти давлатӣ ғайрату матонат нишон медиҳанд, ки ҳисси баланди ватандӯстӣ доранд.

Бояд гуфт, ки ҳар як суханронӣ ё иқдому ташаббусе, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон анҷом медиҳанд, ҳадаф, маром, маънӣ ва моҳияти ватандӯстӣ дорад. Ватандӯстӣ дар татбиқи амалҳои созанда ва ободкорӣ ба нафъи шукуфоии Ватан зоҳир мегардад.

Мушоҳида мекунем, ки ҷавонон бо ҳиссиёти баланди ватандӯстӣ аз истиқлолияти давлатӣ, пояҳои мустаҳками он ҳарф мезананд ва ба ояндаи дурахшони Тоҷикистони маҳбуб назари нек доранд. Ҳамин аст, ки Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ғамхорӣ кардан ва дастгирӣ намудани ташаббусҳои созандаи ҷавононро яке аз вазифаҳои асосии худ медонанд.

Тоҷикистон кишвари ҷавонон аст. Сардори давлат дар Паёмашон ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори кишвар чунин изҳор доштанд: «Ба дастгирию ғамхорӣ фаро гирифтани ҷавонон, ҳаллу фасли мушкилоти ҳаёти онҳо ва истифодаи дурусту оқилона аз ин захираи стратегии миллӣ ба хотири ободию пешрафти Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарине мебошанд, ки таҳти таваҷҷуҳи хоси Ҳукумати мамлакат қарор доранд».

Таваҷҷуҳу ғамхории Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон нисбат ба ҷавононро ҳар рӯз эҳсос мекунем. Масалан, соли гузашта «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022 - 2026» ва «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023 - 2027» қабул шуд. Ба андешаи мо, бояд дар маҳал вобаста ба ин ҳуҷҷатҳои муҳими давлатӣ тадбирҳои бетаъхир андешида шавад.

Дар такя ба таъкидҳои Пешвои миллат гуфтанием, ки ватандӯстӣ набояд танҳо дар сухан бошад. Ватандӯстие, ки танҳо дар забон асту ба амали муайян воқеият пайдо накардааст, намоишкорӣ ва назарфиребист.

Ҳар сокини кишвар бояд донад, ки яке аз рукнҳои муҳимтарини давлатдорӣ ва сипари боэътимоди ҳар як давлати соҳибистиқлол Қувваҳои Мусаллаҳ мебошад. Артиш василаи бузурги мудофиавӣ буда, ҳеҷ як давлат наметавонад бидуни он истиқлолияти комили худро таъмин намояд. Ҳадаф аз баёни ин ҳарфҳо он аст, ки мутаассифона, баъзан ҷавонон бо баҳонаҳои гуногун: «беморӣ» (ҳатто бемории рӯҳӣ вонамуд кардан), ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтан ва ғайра аз хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон саркашӣ менамоянд.

Моҳи марти соли 2023 Суди ноҳияи Файзобод нисбат ба ҷавони 23 - сола, сокини деҳаи Устошамси деҳоти «Мискинобод» Қосимов Бахтовар Бегиҷонович, ки худро аз хизмати аскарӣ канор гирифта, ба Россия рафта буд, ҳукм баровард. Нисбат ба номбурда дар маҷлиси судӣ, ҳарчанд аз карда пушаймон буданашро изҳор намуд, ҷазо дар намуди ҷарима дар ҳадди сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо (баробар ба 6400 сомонӣ) татбиқ шуд.

Мутаассифона, ҳастанд ҷавононе, ки бо нияти гурез аз хизмати ҳарбӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта, баъзан то 27- солагӣ ба зодгоҳашон барнамегарданд ё оянд ҳам, бо роҳу воситаҳои гуногун аз хизмат рӯ метобанд.

Бояд гӯем, ки яке аз сабабҳои канораҷӯӣ аз хизмати аскарӣ он аст, ки баъзеҳо бо овозаҳои бардурӯғ ва дилсардкунанда дар зеҳни ҷавонон хизмати ҳарбиро манфӣ маънидод мекунанд. Ҳол он ки таҳти ғамхории Пешвои миллат, Сафармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Артиши миллӣ тамоми шароити моддиву маишӣ фароҳам аст. Он ҷо кадрҳои соҳибихтисоси низомӣ ҷавононро дар зери парчами ватандӯстӣ барои ҳифзу ҳимояи марзу буми кишвар, таъмини амният ва сулҳу суботи Тоҷикистони азиз омода менамоянд. Ба ғайр аз ин, хизмат дар сафҳои Артиши миллӣ меҳру муҳаббати фарзандро нисбат ба падару модар бештар мекунад, ба худи онҳо дарси зиндагиву оини ҷавонмардӣ меомӯзонад, обутоби ҷисмонию рӯҳӣ медиҳад.

Ҷавонон бояд донанд, ки хизмат ба Ватан- Модар қарзи инсонӣ ва имониву виҷдонии ҳар як сокини кишвар буда, мактаби бузурги тарбияи ирода, ҷасорат, шуҷоат ва ватандорист. Иҷрои ин қарз нишони камолоти шахсии ҳар як ҷавон аст.

**Шодӣ НАЗАРЗОДА,**
**судяи Суди ноҳияи Файзобод**

# СУБОТИ СИЁСӢ – ОМИЛИ ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОР

**13-уми апрели соли 2023 дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон суҳбати гирди миз дар мавзӯи «Суботи сиёсӣ – омили таъмини рушди устувори кишвар дар шароити муосир» доир гардид.**

- Дар натиҷаи сиёсати хирадмандона ва сулҳҷӯёнаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишварамон суботи сиёсӣ пойдор буда, ба пешрафтҳои зиёди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву маънавӣ ноил гардидем. Бинобар ин, баррасӣ ва таҳлил намудани мавзӯи «Суботи сиёсӣ - омили таъмини рушди устувори кишвар дар шароити муосир» муҳим ва саривақтӣ буда, барои пешрафти минбаъда мусоидат хоҳад кард, - иброз дошт директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Хайриддин Усмонзода.

Коршиносон доир ба технологияи таъмини суботи сиёсӣ, нақши он дар ҳимояи манфиатҳои кишвар, таъсири муборизаҳои геополитикии қудратҳои ҷаҳон ба суботи сиёсии кишварҳо, фазои иттилоотӣ ва суботи сиёсӣ, таъмини амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили таҳкими суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурати таҳкими суботи сиёсӣ ҳамчун омили асосии муаррифии фазои мусоиди сармоягузорӣ, амнияти идеологӣ ва дурнамои таъмини суботи сиёсии кишвар дар шароити мавҷудияти таҳдиду хатарҳои замони муосир андешаҳои худро иброз карданд.

Иштирокчиён дар мавзӯъҳои «Суботи ҷамъиятиву сиёсӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодии кишвар», «Нақши ҷавонон дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ», «Сиёсати ҷавонон ва маданияти сиёсӣ дар Тоҷикистон», «Дурнамои таъмини суботи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Устувории муносибатҳои сиёсӣ ҳамчун омили таҳкими суботи сиёсӣ», «Суботи сиёсӣ ҳамчун манфиати ҳаётан муҳим», «Амнияти идеологӣ ҳамчун афзори амнияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Омилҳои монеаафкан ба суботи сиёсии Тоҷикистон» ва «Нақши мақомоти прокуратура дар татбиқи ҳуқуқ дар ҷомеа ҳамчун омили муҳими таҳкими суботи сиёсӣ» маърӯзаҳои коршиносонро шуниданд.

**Ҳ. ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**

# РАШТ: КИШТИ КАРТОШКА ЗИЁД МЕШАВАД

**Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт ба зиёд намудани масоҳати картошказор таваҷҷуҳи хоса доранд. Барои амалӣ гардидани ин нияти хайр нақшаи корӣ тартиб дода шудааст ва масоҳат аз ҳисоби заминҳои бекорхобида васеъ мегардад.**

- Дар ноҳия заминҳое ҳастанд, ки барои кишти картошка мувофиқанд, аммо норасоии об солҳои зиёд барои ин кор монеа эҷод мекард, - иброз намуд узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси ноҳияи Рашт Раҳимҷон Муқимӣ.

Солҳои охир соҳибкорони маҳаллӣ ва аҳолии деҳот дар ҳалли ин масъала саҳмгузорӣ мекунанд. Соли гузашта каналҳои харобгардидаро таъмир намудем ва имсол метавонем бемамониат дар деҳаҳои баландкӯҳ низ картошка кишт намоем.

- Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба зиёд намудани кишти картошка кор босуръат идома дорад. Чанде пеш дар деҳоти «Ҳиҷборак», ки аз сатҳи баҳр дар баландии 1700 метр ҷойгир буда, мавсими кишти картошка дертар оғоз меёбад, деҳқонон ба кишти картошка оғоз намуданд, - гуфт номбурда.

**Диловари МИРЗО, «Садои мардум»**

# ПОРАЕ АЗ ТАЪРИХ

**Қаҳрамони Тоҷикистон, адиб ва олими барҷаста устод Садриддин Айнӣ барои илм, равнақи адабиёт ва худшиносии миллии мо хизмати зиёд кардааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ин фарзанди фарзонаи халқи тоҷик барҳақ гуфтаанд: «Садриддин Айнӣ мавҷудияти халқи тоҷикро ҳамчун миллати қадимаи Осиёи Миёна исбот намуд, ҳаққу ҳуқуқҳои қонунии ин миллатро барои ташкил додани давлатдории миллии худ ба миён гузошт».**

**Ҳар сол дар рӯзи таваллуди устод Садриддин Айнӣ – 15 апрел дар саросари ҷумҳурӣ чорабиниҳои илмиву адабӣ баргузор мешавад. Хабарнигори рӯзнома дар ин хусус бо директори Осорхонаҳои муттаҳидаи адабӣ-ёдгорӣ, Абдураҳимов Амирхӯҷа суҳбат орост.**



**- Айни ҳол Осорхонаи устод Садриддин Айнӣ чӣ вазъ дорад?**

- Вазъи кунунии осорхона хуб буда, барои сокинону меҳмонони кишвар ба як макони муқаддас табдил ёфтааст. Китобҳо, аксҳо, мизу курсиҳо, нигораҳо, ки ҳама аз рӯзгору осори устод Садриддин Айнӣ ҳикоят мекунанд, ба ҳар бинанда таъсири амиқ мебахшанд. Лозим ба ёдоварист, ки дар ин бино устод чор сол зиндагӣ кардааст.

Зиндагии устод Айнӣ дар талоши худшиносии миллӣ ва собит намудани ҳақиқати таърихии миллати тоҷик сипарӣ шудааст. Аз ин хотир, вақте наврасону ҷавонон ба осорхона меоянд, эҳсоси баланди худсозиву миллатдӯстӣ дар вуҷуди онҳо бедор мешавад.

**- Аз наврасону ҷавонон сухан дар миён овардед. Онҳо зуд-зуд ба осорхона меоянд?**

- Бале, ҳамроҳи муаллимони худ омада, бо рӯзгор ва осори Садриддин Айнӣ шинос мешаванд. «Шунидан кай бувад монанди дидан» мегӯянд, меҳмони хонаи устод Айнӣ шудан ба онҳо завқ мебахшад.

Мо бо Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ҳамкорӣ дорем. Маҳфилҳои зиёди илмиву адабӣ бо иштироки кормандони донишгоҳ он ҷо мегузарад, толибилмон дар корҳои ободонӣ ва озода нигоҳ доштани осорхона низ саҳм мегузоранд.

Тоҷикистон Муминзод Камолиддин ба осорхона ташриф оварда, бо вазъи он шинос шуданд. Мақсади ташриф ҷалби бештари сайёҳони хориҷӣ ба хона-музейи мазкур аст.

**- Оё дар ин макон донишмандон ба корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ҳам машғул мешаванд?**

- Ҳоло дар осорхона чор ходими илмӣ фаъолият мекунанд. Ҳамчунин, олимони машҳури кишвар академикҳо Носирҷон Салимӣ, Маҳмадюсуф Имомов, профессорҳо Аъламхон Кӯчаров, Абдулҳай Муҳаммадаминов ва дигарон бо хона-музейи устод робитаи доимӣ доранд.

Дар маҷлисгоҳи хурди осорхона пайваста ҳамоишҳои илмӣ ва маҳфилҳои адабӣ баргузор мешавад. Яъне, набзи осорхонаи устод Садриддин Айнӣ бо набзи ҳаёти илмиву адабии кишварамон ҳамнаво аст.

**- Дар китобхонаи Хона-музей чӣ миқдор китоб маҳфуз аст?**

- Шумораи китобҳо бештар аз чор ҳазор мебошад. Аз ин шумора беш аз ҳазор нусхаро дастхатҳо ташкил медиҳанд, ки устод Айнӣ онҳоро дар солҳои гуногун гирд овардаанд. Аз ин китобҳо бештар аспирантҳову унвонҷӯён истифода мекунанд.

Китобҳои устод Айнӣ, ки дар солҳои гуногун чоп шудаанд, асоси китобхонаро ташкил медиҳанд. Ба ҷуз ин, асарҳои муаллифони дигар низ ҳастанд, ки худашон тақдим кардаанд. Масалан, асари устоди зиндаёд Муҳаммадҷон Шакурӣ «Хуросон аст ин ҷо» бо соядасти муаллиф дар китобхона маҳфуз аст, ки як гӯшаи таърихи осорхонаро рангин месозад.



Бо осорхонаҳои шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Москва, Санкт-Петербург низ робитаҳои судманд дорем. Хусусан, аз Самарқанду Бухоро одамони касбу кори гуногун, шоирону нависандагон ба Осорхонаи устод Садриддин Айнӣ зиёд меоянд. Моро ҳам барои вохӯриҳо ба он ҷо даъват мекунанд.

Дар як сол якуним ҳазор хориҷӣ аз хона-музейи устод боздид мекунанд. Аз Тоҷикистон бошад, ин рақам зиёдтар аз сеюним ҳазор аст.

Чанде пеш раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии

Ба ҷуз дастхатҳо дар бойгонии осорхона сабти наворҳои суҳбати устод Айнӣ ва филмҳое, ки аз рӯи асарҳои устод рӯи навор омадаанд, аз қабили «Марги судхӯр», «Дохунда», «Ғуломон», маҳфуз мебошанд.

**Суҳбаторо ВОРИС, «Садои мардум»**

# СУХАНҲОИ АЙНИСТ ХУШТАР ЗИ ҶОН

**Дар бораи устод Садриддин Айнӣ ва осори ӯ олимону адибони зиёде асарҳои илмӣ навиштаанд. Таваҷҷуҳи шуморо ба шеъри Садри Зиё ҷалб месозем, ки ба устод Айнӣ бахшидааст.**

## ЗИКРИ ФОЗИЛ

*Яке аз наҷибони равшанравон,*
*Ки дорад Ватан хиттаи Ғиждувон.*

*Ба фазлу ҳунар шуҳраи хосу ом,*
*Лақаб Айниву Садриддинхоҷа ном.*

